УДК 338.4 DOI: 10.65599/SVIQ1346

# МУАММОҲОИ ОЗУҚАВОРӢ:ҶАНБАҲОИ ГЛОБАЛӢ ВА МИЛЛӢ

**М.Х. Исайнова**

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Дар мақола самтҳои асосии норасоии маводди озуқаворӣ дар ҷаҳон, зиёд шудани гуруснагон дар ҷаҳон бо сабабҳои омилҳои сиёсӣ, экологӣ, иқтисодӣ, таъмини озуқавории мамлакат аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ, инчунин сатҳи воридот ва содироти маҳсулот, дараҷаи бо озуқаворӣ таъмин будани хонаводаҳо, ҳиссаи хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо барои маҳсулоти хӯроквориӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар баробари ин дар мақола як қатор пешниҳодҳо барои боз ҳам беҳтару хубтар шудани соҳаи кишоварзии мамлакат оварда шудааст.

***Калидвожаҳо**: озуқа, таъмини озуқаворӣ, муаммоҳои озуқаворӣ, воридот, содирот, хароҷот, истеҳсолот, истеъмолот, иқтисодиёт.*

# ПРОДОВОЛЬСТВЕННЫЕ ПРОБЛЕМЫ: ГЛОБАЛЬНЫЕ И НАЦИОНАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ

**М.Х. Исайнова**

В статье анализируются основные направления дефицита продовольствия в мире, рост числа голодающих в мире в связи с политическими, экологическими и экономическими факторами, обеспеченность страны продовольствием за счёт внутреннего производства, а также уровень импорта и экспорта продукции, уровень продовольственной безопасности домохозяйств и доля потребительских расходов домохозяйств на продукты питания. Также в статье представлен ряд предложений по дальнейшему совершенствованию аграрного сектора страны.

***Ключевые слова:** продовольствие, продовольственное обеспечение, продовольственные проблемы, импорт, экспорт, расходы, производство, потребление, экономика.*

# FOOD PROBLEMS: GLOBAL AND NATIONAL ASPECTS

**M.Kh. Isaynova**

This article analyzes the main drivers of global food shortages, the growing number of hungry people worldwide due to political, environmental, and economic factors, the country's food supply from domestic production, as well as the level of imports and exports, household food security, and the share of household consumer spending on food. The article also presents a number of proposals for further improving the country's agricultural sector.

***Keywords:** food, food security, food problems, imports, exports, expenditures, production, consumption, economics.*

## Муқаддима

Таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб рафта, нақши худро дар сатҳи миллӣ аз даст надода, рӯз то рӯз аҳмияти глобалӣ пайдо намуда истодааст.

Маҳз рӯзмарра ва ҳалталаб будани масъалаи мазкурро ба назари эътибор гирифта, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ (аз он ҷумла аз 28.12.2024 с.) қайд намуданд, ки нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз 39 миллиард сомонии соли 2019-ум ба 73 миллиард сомонӣ дар соли 2024-ум расидааст, яъне дар панҷ сол 1,9 баробар афзудааст [1]. Бо вуҷуди ин моро зарур аст, ки бо назардошти вазъи ҷаҳони имрӯза, тағйирёбии иқлим, хусусан камобӣ ва хушксолиҳои пайиҳам дар бисёр кишварҳои дунё, болоравии нархи маводи ғизои дар ҷаҳон ва таъсири манфии омилҳои зикршуда ба бозори истеъмолӣ тамоми имкониятҳоро барои рушди соҳаи кишоварзӣ сафарбар созем (1).

Як нуктаро низ бояд қайд намоем, ки дар марҳилаи кунунӣ, масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ аҳамияти миллию байналмилалиро касб менамояд ва дар бисёр давлатҳо на танҳо ҳамчун масъалаи иқтисодию иҷтимоӣ ҳисобида мешавад, балки ба яке аз мавзуи сиёсии минтақа ва кишварҳои алоҳида табдил ёфта истодааст.

Муаммоҳои таъмини муътадили амнияти озуқавории аҳолӣ ҳамеша дар мадди назари давлат қарор дошт, дорад ва хоҳад монд. Ин муаммо дар се даҳсолаи охир яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ва рӯзмарра миёни дигар муаммоҳои глобалӣ ба ҳисоб меравад. Ҳатто чунин асосҳо вуҷуд доранд, ки онро дар қатори муаммоҳои харобшавии захираҳои тамомшаванда ва ифлосшавии муҳити зист ба масъалаҳои аввалиндараҷа дохил кардан мумкин аст, зеро ҷиҳати пешгирии ин мушкилот барои инсоният аллакай вақти кам боқӣ мондааст. Муаммои таъмини амнияти озуқаворӣ боз ба он хотир яке аз масъалаҳои глобалӣ ба ҳисоб меравад, ки дар даҳсолаҳои охир бад шудани муносибатҳои сиёсӣ байни мамлакатҳои ҷаҳон, зиёд шудани гурезагон дар давлатҳои Колумбия, Конго, Сурия, мушкилоти харобшавии замин (дар натиҷаи ҷараёнҳои эрозионнӣ, шӯршавӣ, биёбоншавӣ ва ғ.) ва паст гардидани маҳсулнокии он, ифлосшавии захираҳои обӣ, паст гардидани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ рӯ ба рӯ шуда истодааст. Аз тарафи дигар, шумораи аҳолӣ дар кураи замин рӯз аз рӯз зиёд гардида, ҳамаи ин дар ниҳояти кор, боиси мураккаб гардидани муаммоҳои таъмини аҳолӣ бо маводди озуқа мегардад.

Тибқи маълумоти созмонҳои байналмилалӣ ООН, ФАО дар соли 2025, тақрибан 673 миллион нафар дар саросари ҷаҳон бо гуруснагӣ дучор меоянд, ки тақрибан 8,2 %-и аҳолии сайёраро ташкил медиҳад. Аз ин шумора, зери таъсири омилҳои сиёсӣ дар Яман ва Фаластин 38 миллионро кӯдакони то синни панҷ сола ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда нисбат ба солҳои қаблӣ коҳиш ёфтааст. Дар соли 2023 8,5%-ро ва дар соли 2022 8,7%-ро ташкил додааст. Аммо вазъ хеле нигаронкунанда боқӣ мемонад, бахусус дар баъзе мамлакатҳое, ки гуруснагӣ дар ҳоли афзоиш аст. Вазъияти шадиди норасии озуқаворӣ дар кишварҳои Афғонистон, Ангола, Гаити, Гондурас, Ҷумҳурии Демократии Конго, Эфиопия, Лубнон, Мозамбик, Мадагаскар, Ҷумҳурии Африқои Марказӣ, Сурия, Судон, Уганда ва Яман вазнин боқӣ мемонад. Чанде пеш Шри-Ланка, Бенин, Кабо-Верде, Гвинея, Зимбабве ва Украина ба ин рӯйхат шомил шудаанд. То 16 май беш аз 6,3 миллион нафар дар Украина гурезагон ва ҳашт миллион нафар дар дохили кишвар овора шудаанд. Моҳи апрели соли ҷорӣ СММ эълон намуд, ки 15,7 миллион аҳолии Украина ба кӯмак ниёз доранд, ки 10,2 миллион нафари онҳо бо ноамнии шадиди ғизоӣ рӯбарӯ ҳастанд. Аз рӯйи нишондиҳандаҳои дар боло овардашуда, тасаввур намоед, ки масъалаи таъмини озуқаворӣ дар оянда то кадом дараҷа душвор боқӣ хоҳад монд (ҷадвали 1). [6].

Ҷадвали 1 – Тағйирёбӣ (динамика) ва тамоюли паҳншавии гуруснагӣ дар ҷаҳон дар давраи солҳои 2015-2023 (бо %)

| Минтақаҳои ҷаҳон | Соли | Норасоии шадиди ғизо | Норасоии мӯътадили ғизо | Ҷамъ (%) |
|---|---|---|---|---|
| Ҷаҳон | 2015 | 7.5 | 14.0 | 21.5 |
| | 2023 | 10.7 | 18.2 | 28.9 |
| Африка | 2015 | 16.7 | 28.4 | 45.0 |
| | 2023 | 21.6 | 36.4 | 58.0 |
| Осиё | 2015 | 6.6 | 11.2 | 17.8 |
| | 2023 | 9.8 | 15.0 | 24.8 |
| Амрикои Лотинӣ ва ҳавзаи Кариб | 2015 | 6.5 | 17.9 | 24.4 |
| | 2023 | 8.7 | 19.5 | 28.2 |
| Амрикои Шимолӣ ва Аврупо | 2015 | 1.3 | 7.7 | 9.0 |
| | 2023 | 1.6 | 7.1 | 8.7 |

*Сарчашма: ФАО. Российская газета-Федеральный выпуск: №173(9415). Решить проблему голода в мире к 2030 году вряд ли удастся под редакции Татьяна Карабут* https://rg.ru/2024/08/06/signal-edy.html

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф намудани муаммоҳои озуқаворӣ сол то сол кӯшиш ба харҷ дода истодааст. Дар ин замина қабули барномаҳо, таъсиси корхонаҳои саноати хуроквории ва дастгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ зиёд шуда истодааст. Мувофиқи тавсияҳои байналмилалии коршиносон, амнияти озуқаворӣ ҳамон вақт таъмин ҳисобида мешавад, ки ҳамаи одамон дар ҳама давру замон дастрасии воқеӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба миқдори зарурии маҳсулоти хуроквории бехатар ва серғизо дошта бошанд. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амнияти озуқаворӣ ифодаи мавқеи иқтисодии давлат мебошад, ки тавассути он истеҳсолоти ватанӣ амнияти озуқавориро таъмин намуда, дастрасии воқеиро ба тарзи ҳаёти фаъолу солим ва рушди демографиро таъмин менамояд. Тадбирҳо ва чорабиниҳои пешбининамудаи Барнома бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи Созишномаи Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат оид ба тадбирҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ (SPS) ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ таҳия шудаанд. Ин сатҳи баландтари мутобиқати системаи миллии назорати амнияти озуқаворӣ ба талаботи байналмилалиро таъмин намуда, дастрасии бештари маҳсулоти миллии кишоварзӣ ва озуқаворӣ ба бозорҳои хориҷиро осон мекунад. Барномаи мазкур инчунин барои муҳокимаи доимӣ бо шарикони рушд, созмонҳои байналмилалӣ ва донорҳо, ки дар такмили низоми расмии назорати бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам тавассути дастгирии молиявӣ, кӯмаки техникӣ ва ҳам мубодилаи дониш саҳм мегузоранд, барои баланд бардоштани самаранокии чунин кӯмак пешбинӣ шудааст. [5].

Дар маҷмуъ, ҳар як минтақа вобаста аз имкониятҳои молиявии худ ва то кадом дараҷа ҳал намудани талаботи аҳолӣ бо маводи озуқа кӯшишу ғайрати худро равона сохта, то як дараҷа дар таъмини амнияти озуқаврии мамлакат нақши худро иҷро менамояд. Ҳамзамон, далелу рақамҳои дар боло овардашударо таҳлил намуда ба чунин хулоса низ омадан мумкин аст, ки танҳо дар ҳолати амалисозии самтҳо ва ҳалли комплексии чорабиниҳои зикршуда қадре ҳам бошад истеҳсоли маҳсулоти асосии озуқа дар минтақа рӯ ба афзоиш ёфта, таъмини амнияти озуқавории минтақа ҳалли ҳамаҷонибаи худро меёбад. Ҳалли пурраи чорабиниҳои номбаршуда имконият медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти озуқавии воридотивазкунанда ва содирот нигаронидашударо тараққӣ дода, коркард ва истеҳсоли онҳоро бо истифода аз маҳсулоти худӣ (ватанӣ) дар дохили минтақаҳои алоҳидаи кишвар ба роҳ монда шавад ва як

омили асосии дар роҳи гузаштани ҷумҳурии мо аз ҷумҳурии модели аграрию саноатӣ ба саноатию аграрӣ ба ҳисоб равад. Гуфтаҳои болоро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳамаи чорабиниҳо ва пешниҳодҳои зикршуда ба як мақсад равона карда мешаванд. Ин ҳам бошад, таъмини афзоишёбандаи аҳолии минтақа ва дар маҷмуъ ҷумҳурӣ, бо маводди озуқаи худӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ.

Ҷадвали 2 – Сатҳи нархи миёнаи маҳсулоти алоҳидаи озуқа дар бахши истеъмолӣ ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ дар охири давра, бо сомонӣ ва дирам ба 1 кг, литр, дона

| **Маҳсулотҳо** | **2024 г.** | | | | **2025 г.** | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **март** | **декабр** | **январ** | **феврал** | **март** | **апрел** | **май** | **ноябр** |
| **гӯшти гов** | 69,12 | 84,78 | 85,15 | 85,82 | 90,00 | 90,82 | 90,89 | 100 |
| **равғани чорво** | 65,36 | 64,45 | 64,65 | 64,65 | 63,39 | 63,41 | 64,50 | 65 |
| **равғани пахта** | 14,82 | 15,41 | 14,79 | 14,66 | 14,65 | 14,64 | 14,85 | 15 |
| **шири рехташаванда** | 6,90 | 6,44 | 6,87 | 6,64 | 6,86 | 6,90 | 7 | 8 |
| **тухм (10 дона)** | 12,40 | 9,77 | 12,40 | 12,42 | 12,62 | 13,20 | 14,50 | 15 |
| **шакар** | 12,24 | 11,87 | 12,19 | 12,20 | 12,03 | 12,03 | 12 | 12 |
| **намак** | 1,86 | 2,00 | 1,86 | 1,88 | 2,00 | 2,00 | 2,00 | 2,00 |
| **орди навъи 1-ум** | 6,65 | 6,00 | 6,72 | 6,65 | 6,04 | 6,05 | 4,5 | 5,00 |
| **нони орди навъи 1-ум** | 4,08 | 4,67 | 4,08 | 4,08 | 4,47 | 4,76 | 5 | 5,00 |
| **биринҷ** | 21,50 | 22,70 | 22,80 | 22,98 | 23,81 | 23,83 | 24,00 | 25,00 |
| **картошка** | 5,04 | 4,99 | 4,95 | 4,96 | 5,35 | 5,92 | 5,92 | 6 |
| **бехпиёз** | 3,06 | 2,22 | 3,17 | 3,00 | 2,41 | 2,41 | 2,41 | 3 |
| **сабзӣ** | 2,47 | 3,22 | 3,50 | 3,55 | 3,13 | 3,12 | 4,22 | 5 |
| **себ** | 9,35 | 12,08 | 7,80 | 8,63 | 12,45 | 11,83 | 11,83 | 10 |
| **арақ** | 23,00 | 21,81 | 22,89 | 23,00 | 20,99 | 20,97 | 23 | 24 |

*Сарчашма: Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ (№ 2-2024) [Матн]. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе* [https://khkt.tj/tj/fehrist/kitob/item/bekhatarii-ozu-avor-va-kambizoat-2-2024.html](https://khkt.tj/tj/fehrist/kitob/item/bekhatarii-ozu-avor-va-kambizoat-2-2024.html)

Нишондиҳандаҳои дар ҷадвал овардашуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки болоравии нархи озуқаворӣ нисбати соли 2024 ба назар мерасад. Махсусан, дар моҳи ноябри соли 2025 нархи гушт ва маҳсулоти гуштӣ, равғани пахта, биринҷ ва картошка ба назар мерасад.

Яке аз муаммоҳои дигаре, ки боиси таъмини озуқаворӣ дар мамлакат мегардад ин зиёд шудани аҳолии мамлакат мебошад. Шумораи аҳолӣ дар соли 2025 бо дарназардошти шумораи таваллудшудагон, фавтидагон ва муҳоҷират 10 миллиону 603,8 ҳазор нафарро ташкил додааст. Бо сабаби кам будани корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар мамлакат ва афзоиши табиии аҳолӣ зарурият ба маҳсулоти воридотӣ мегардад. Ҳиссаи содироту воридоти маҳсулоти воридотӣ дар (ҷадвали 3) оварда шудааст. (2).

Дар соли 2025 Тоҷикистон афзоиши воридоти маводди ғизоиро мушоҳида мегардад, ки ин аз афзоиши талаботи дохилӣ ва коҳиши умумии содирот мушоҳида шуд, ҳарчанд содироти маҳсулоти кишоварзӣ афзоишро нишон дод. Маҳсулоти асосии воридоти озуқаворӣ дар соли 2025 ғалладона аз Ҷумҳурии Қазоқистон мебошад. Воридоти гандум нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,4 баробар афзоиш ёфтааст. Сарфи назар аз коҳиши ҳаҷми умумии содирот, воридот дар нимсолаи аввали соли 2025 афзоиш ёфт. Маҳсулоти асосии содироти дар соли ҷорӣ меваи хушк ва чормағз, инчунин зардолуи тару тоза ва тухм мебошад. Содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар нимаи аввали соли 2025 нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 (17,5)% афзоиш ёфтааст. Дар соли 2025 содироти маҳсулот ба кишварҳои Ҳолланд, Узбекистон, Чин,

Туркия, Белгия, Покистон ва Қирғизистон афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи умумии содироти Тоҷикистон аз аввали сол то моҳи июл зиёда аз (90) ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ содир намудааст, ки (89)% ба кишварҳои ИДМ содир шудааст.

Ҷадвали 3 – Содироту воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии савдо дар моҳҳои январ - июни солҳои 2023 - 2025 (ҳазор тонна)

| | Содирот | | 2024 ба ҳисоби фоиз нисбат ба 2023 | Воридот | | 2025 ба ҳисоби фоиз нисбат ба 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2023 | 2025 | | 2023 | 2025 | |
| Молҳои озуқаворӣ | 123,2 | 101,6 | 82,5 | 855,8 | 1053,4 | 123,1 |
| Аз онҳо: | | | | | | |
| Гандум | - | - | - | 420,5 | 463,7 | 110,3 |
| Орд | 4,0 | 2,0 | 50 | 21,2 | 38,5 | 1,8 бар |
| Қанду шакар ва маснуоди қандӣ | 0,1 | 9,5 | 95,0 бар | 71,4 | 104,5 | 146,4 |
| Макарон, угро, макарони қӯчқорак ва ғайра | - | 2,9 | - | 4,8 | 4,9 | 102,1 |
| Равғани растанӣ | - | - | - | 46,3 | 43,2 | 93,3 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | - | - | - | 3,9 | 5,2 | 133,3 |
| Тухм | 0,2 | - | - | 10,7 | 9,9 | 92,5 |
| Чой | 0,02 | 1,6 | 80,0 бар | 2,1 | 2,5 | 119,0 |
| Картошка | - | 88,0 | - | 27,6 | 79,7 | 2,9 бар |
| Сабзавот | 53,7 | 71,7 | 133,5 | 43,3 | 125,5 | 1,9 бар |
| Меваҷот ва бехмеваҳо | 47,7 | 72,7 | 152,4 | 27,0 | 14,9 | 55,2 |
| Шарбати мева ва сабзавот | 0,2 | 0,4 | 2,0 бар | 0,8 | - | - |
| Сабзавоти консервашуда, қайлаҳои помидор | 0,04 | 1,8 | 45,0 бар | 2,6 | 3,3 | 126,9 |
| Ҳиссаи маҳсулоти хӯрокворӣ дар ҳаҷми умумӣ, ба ҳисоби фоиз | 5,0 | 3,9 | 78 | 17,8 | 17,6 | 98,9 |

*Сарчашма: Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ (№ 2-2024) [Матн]. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе https://khkt.tj/tj/fehrist/kitob/item/bekhatarii-ozu-avor-va-kambizoat-2-2024.html*

Дар баробари омузиши самти мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки барои бозҳам беҳтару хубтар таъмин намудани аҳолӣ бо озуқаи истеҳсолоти ватанӣ давлату ҳукумат ва соҳибкорони ватаниро зарур меояд, ки ба самтҳои мазкур диққати бештар диҳанд:

- таъсиси корхонаҳои саноати хурокворӣ барои таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ ва таъмини ҷои корӣ, зиёд намудани ҳиссаи содирот ва коҳиш додани ҳиссаи воридоти озуқа.

- коҳиш додани содироти маҳсулоти аграрӣ ва ашёи хом ва дар дохили мамлакат коркард кардани он, баъдан ҳамчун маҳсулоти тайёри саноатӣ содир карда шавад.

- идоракунии воридот ва содироти маҳсулоти озуқаворӣ дар доираи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, ки вазифаҳои зеринро пешбинӣ менамояд: кам кардани вобастагӣ аз маҳсулоти воридотии озуқаворӣ; таъмини рушди истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣи содиротӣ ва воридотивазкунанда бо роҳи ҳавасмандкунии истеҳсолкунанда ва содироткунанда; баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии истеҳсолкунандаи ватании маҳсулоти озуқаворӣ дар бозорҳои истеъмолии дохила ва беруна.

## Хулоса

Ҳамин тавр, метавон қайд кард, ки барои ҳалли масоили озуқаворӣ амалӣ намудани маҷмуи чорабиниҳои комплексӣ лозим мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад зарур аст, ки ҳамкории давлатӣ-хусусӣ мустаҳкам гардад, ҳамчунин ислоҳоти институтсионалии бо рушди захираҳои инсонии мамлакат ва минтақаҳо алоқаманд гузаронида шаванд, ки пеш аз ҳама ба натиҷаи истифодаи самараноки заминҳои корам, аз он ҷумла заминҳои обӣ ва истифодаи

технологияҳои муосири коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ вобаста мебошад.

Ҷаҳон дар роҳи қонеъ кардани мушкилоти глобалии озуқаворӣ то соли 2030 фаъол нест, алахусус барои коҳиш додани паҳншавии вазни ками таваллуд, лоғарӣ ва вазни зиёдатӣ. Ғайр аз он, ҳиссаи калонсолоне, ки аз фарбеҳшавӣ азият мекашанд, дар ҳама минтақаҳо меафзояд. Ҳатто бидуни назардошти оқибатҳои таназзул (буҳрон)-и ҷаҳонӣ, ояндабиниҳо барои соли 2030 ба таври возеҳ нишон медиҳанд, ки талошҳо барои хотима бахшидан ба норасоии маводди камғизо ва кам намудани шумораи гуруснагон дар баъе аз манотиқи дунё дар даҳ соли оянда кофӣ нестанд. Аз ин ҷост, ки имрӯзҳо кишварҳои гуногуни сайёра ба таври дастҷамъона ва якҷоя, вале аз усулҳо ва роҳҳои гуногун истифода бурда, таъмини амнияти озуқавории худро, ки яке аз ҳадафҳои асосии рушди устувори бисёре аз мамлакатҳо муаррифӣ гардидааст, қонеъ месозанд.

*Муқарриз: Аҳмадов Р.Р. —н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон.*

## Адабиёт


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ 28.12.2024 12.26 шаҳри Душанбе https://www.president.tj/event/missives/49225
2. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ (№ 2-2024) [Матн]. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе https://khkt.tj/tj/fehrist/kitob/item/bekhatarii-ozu-avor-va-kambizoat-2-2024.html
3. Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023, аз 29 декабри соли 2017, таҳти №АП-984 бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст. –Душанбе https://www.3
4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018 №76 тасдиқ шудааст. – Душанбе, 2018. - 62 с.
5. Программа безопасности продовольственной продукции Республики Таджикистан на 2024-2028 годы. Душанбе https://continent-online.com/Document/?doc_id=32759809
6. Российская газета-Федеральный выпуск: №173(9415). Решить проблему голода в мире к 2030 году вряд ли удастся. Под редакцией Татьяны Карабут https://rg.ru/2024/08/06/signal-edy.html


## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ –СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ –INFORMATION ABOUT THE AUTHOR


| TJ | RU | EN |
|---|---|---|
| Исайнова Манижа Ҳисайновна | Исайнова Манижа Хисаиновна | Isaynova Manizha Khisainovna |
| н.и.и., муаллими калон | к.э.н., старший преподаватель | Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer |
| Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | Таджикский государственный финансово-экономический университет | Tajik State University of Finance and Economics |
| Email: isainova9595@mail.ru | | |